

АЗ МАРДУМИ АМРИКО

# ЛОИҲАИ “ДАСТГИРИИ ТЕХНИКӢ БАРОИ КОҲИШ ДОДАНИ НОРАСОИИ МИКРОЭЛЕМЕНТҲОИ ҒИЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН”:

## МАЪЛУМОТИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР БОРАИ ЛОИҲА 2014-2017

Таҳиякунандагон:
Мутриба Латипова, Ҳамоҳангсози лоиҳа дар Тоҷикистон, GAIN
Ли Анн Эвансон, Мушовир, GAIN
Грег С. Гаррет, Директор оид ба сиёсати озуқаворӣ ва маблағгузорӣ, GAIN



январи соли 2018

**Нашри мазкур бо дастгирии мардуми Амрико тавассути Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) омода шудааст. Муаллиф барои мазмуни гузориш пурра масъул мебошад, ки он метавонад нуқтаи назари USAID ё Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаро инъикос накунад.**

# Мундарича

Гуруснагии нуҳуфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ....6
Ҳадафи ҳуҷҷат ....7
Ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон ....9
Дар бораи Лоиҳа ....9
Уҳдадориҳои миллӣ ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ....10
Дастовардҳои лоиҳа ....11
Базаи далелҳо, ҳуҷҷатҳои лоиҳа ва ҳисоботҳо ....12
Ҷонибҳои манфиатдори ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ....15
Хулоса ва тавсияҳо барои барномарезии оянда ....17
Сарчашмаҳои маълумотии муфид дар сатҳи глобалӣ оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ....20

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

Алянси глобалӣ оид ба беҳдошти ғизо (GAIN) ба ташкилотҳои зерин барои саҳми боарзиш дар таъмини муваффақияти лоиҳа арзи сипос мекунад: Палатаи поёнии Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии “Тоҷикстандарт”, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати давлатии “Ғалла”, Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим, Ассотсиатсияи табибони кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди ҷамъиятии Ассотсиатсияи амнияти биологии Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии Мактаби мустақили рӯзноманигории “Тоҷикистон - асри XXI”.



# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| **АМҒ** | Алянси миллии барои ғанигардонӣ |
| **БОР** | Бонки Осиёгии рушд |
| **БУО** | Барномаи умумиҷаҳонии озуқа |
| **ВАО** | Васоати ахбори омма |
| **ВТҲИА** | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| **ВМКБ** | Вилояти мухтори Куҳистони Бадахшон |
| **ИМА** | Иёлоти Муттаҳида Амрико |
| **КНО** | Камхунӣ аз ҳисоби норасоии оҳан |
| **КТ5** | Кӯдакони то панҷсола |
| **ФМНМ** | Феҳристи миллӣ оиди нуқсҳои модарзодӣ |
| **ММД** | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **СМР** | Стратегияи миллии рушд |
| **ТАБиоЗ** | Ассотсиатсияи амнияти биологии Тоҷикистон |
| **ТХМ** | Таҳлили хароҷоту манфиатҳо |
| **ТС/НС** | Таъмини сифат ва назорати сифат |
| **ХНДСЭ** | Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ |
| **ҲИМ** | Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида |
| **ҲРҲ** | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| **ҲРУ** | Ҳадафҳои рушди устувор |
| **ҲТ** | Ҳукумати Тоҷикистон |
| **ЧНУҒ** | Чорчубаи натиҷаҳои умумӣ оид ба ғизо |
| **GAIN** | Алянси глобалӣ оид ба беҳдошти ғизо |
| **FtF** | Озуқаворӣ ба хотири оянда |
| **FFI** | Ташаббуси ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориӣ |
| **SBN** | Шабакаи хусусии Ҳаракати глобалӣ оид ба вусъатдиҳии ғизо |
| **SUN** | Ҳаракати глобалӣ оид ба вусъатдиҳии ғизо |
| **USAID** | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |

Алянси глобалӣ оид ба  беҳдошти ғизо (GAIN) лоиҳаи “Дастгирии техники барои коҳиш додани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ”-ро бо кӯмаки молиявии Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) аз моҳи октябри соли 2014 то декабри соли 2017 амалӣ намуд. Ҳадафи лоиҳа аз таъмини беҳдошти ғизо барои занҳо ва кӯдакони осебпазир дар Тоҷикистон иборат буд. Дар ҳуҷҷати мазкур сарчашмаҳо ва истинодҳо ҷиҳати мусоидат ба ташаккули барномаи устувори ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории дар Тоҷикистон, ки ба беҳтаршавии вазъи саломатӣ оварда мерасонад, пешкаши хонанда мегарданд. Дар ҳуҷҷат натиҷаҳои то ба имрӯз ба даст омада ба таври мухтасар баён шуда, ҳуҷҷатҳо ва воситаҳои дар давоми татбиқи лоиҳа таҳиягардида барои дастрасии осон ва истифодаи маълумоти лоиҳа аз ҷониби сиёсатмадорон, шахсони мансабдори давлатӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар Тоҷикистон барои тарҳрезии барномаҳои ояндаи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории, ҷамъ оварда шудаанд. Ғайр аз ин, дар он маълумоти муфассал дар бораи шарикон ва саҳмгузорони лоиҳа барои кӯмак дар муайян намудани тарафҳои манфиатдор ва ҷонибдорони раванди ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории пешкаши хонанда мегардад.



# Гуруснагии нуҳуфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории

Микроэлементҳои ғизоӣ барои саломатӣ ва инкишофи инсон хеле муҳимманд. Норасоии микро-элементҳои ғизоӣ, ки ҳамчун “гуруснагии нуҳуфта” низ маъруф аст, вақте ки сифат ва гуногунии хӯроки истеъмолшуда витамин ва минералҳои барои рушду инкишоф заруриро таъмин намекунад, ба амал меояд.

Дар аксари реҷаҳои истеъмоли ғизо, бахусус дар байни хонаводаҳои камбизоат аз сабаби истеъмол нашудани намудҳои мухталифи мева ва сабзавоти тару тоза, таъмини ноустувори ғизо ва истеъмоли аз меъёр зиёди маҳсулоти асосӣ ё коркардшудаи хӯроквории, нокифоягии витамин ва минералҳо ба назар мерасад.

Таъсири норасоии микро-элементҳои ғизоӣ аз ҳама бештар дар байни кӯдакон эҳсос мешавад, зеро камғизоӣ дар ду соли аввали зиндагӣ ба инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонии онҳо зарари бебозгашт мерасонад. Норасоии микроэле-ментҳои ғизоӣ дар байни занҳои ҳомиладор ба камшавии вазн ҳангоми таваллуд, бемориҳо ва

фавти модар ва кӯдак ва болоравии нишондиҳандаҳои нуқсҳои модарзодӣ мусоидат мекунад. Илова бар хусусияти харобиовар доштани он дар сатҳи инфиродӣ ва хонаводаҳо, норасоии микроэлементҳои ғизоӣ ба некӯаҳволии ҷомеаҳо ва нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии тамоми мардум дар наслҳои мухталиф низ таъсир мерасонанд. Талафот аз ҳисоби коҳишёбии маҳсулнокӣ, инкишофи заифи ақлонӣ, поёнравии натиҷаҳои таҳсил ва сарбории иловагӣ ба низоми тандурустии бе ин ҳам изофабор метавонад маҷмӯи маҳсулоти дохилиро1 се фоиз коҳиш диҳад. Норасоии микроэлементҳои ғизоӣ дар Тоҷикистон мушкилии асосии тандурустӣ маҳсуб меёбад. Тадқиқоти миллии микроэлементҳои ғизоӣ, ки соли 2009 гузаронида шуд аз норасоии васеъ шаҳодат медиҳад; қариб чоряки занҳои синну соли қобили таваллуд ва 29 фоизи кӯдакони то панҷсола (КТ5) аз камхунӣ азият мекашанд. Зиёда аз 10 фоизи КТ5 мубталои лоғарӣ/ё камвазнӣ буда, зиёда аз чоряки онҳо қади паст доранд. Норасоии кислотаи фолиевӣ миёни занҳо дар Тоҷикистон низ паҳн шудааст; эҳтимолияти таваллуди кӯдак бо иллати модарзодии найчаи асаб, ки дар байни онҳо “Спина бифида” аз ҳама бештар маъмул аст, миёни занҳои дорои норасоии кислотаи фолиевӣ зиёд дида мешавад. Тибқи таҳлили хароҷоту манфиатҳо аз соли 2016, зарари Тоҷикистон дар натиҷаи фавт, беморӣ ва маҳсулнокии аз даст додашуда аз ҳисоби камғизоӣ метавонад то соли 2026 ба 878 доллари ИМА баробар шавад.[2] Ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ, илова намудани витаминҳо ва минералҳо ба маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ва иловаҳои ғизоӣ (спетсияҳо) маъмулии истеъмолшаванда ҷиҳати пешгирӣ аз норасоии ғизо яке аз тадбирҳои камхарҷ ва аз ҳама самаранок дар самти мубориза васеъ бо гуруснагии нуҳуфта маҳсуб меёбад. Ғанигардонии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба монанди орд, намак, ва равған бе пешбинии тағийрёбии одатҳои истеъмолкунандагон, маҳсулоти мазкурро серғизо мегардонад. Пас аз сармоягузориҳои аввалӣ, хароҷоти доимии ғанигардонӣ солона панҷ сент ба сари ҳар нафарро ташкил хоҳад дод.[3]

1 Гуруҳи глобалии коршиносон оид ба масоили кишоварзӣ ва системаҳои хӯрокворӣ барои истеъмоли ғизо, Гузориши техникии № 3, Ха-роҷоти камғизоӣ: Сабаби андешидани тадбирҳои стратегӣ, июл 2016, https://www.glopan.org/cost-of-malnutrition, Accessed February 27, 2018 2 Гаури, маи соли 2016. Таҳлили талафоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон, http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2016/06/AnalysisofEconomicLosses-TajikistanFullReport_FINAL-English.pdf 27 феврали соли 2018 истифода шуд

3 Ҳортон, Алдерман ва Ривера 2008. Гуруснагӣ ва камғизоӣ дар буҳронҳои глобалӣ, Global Solutions, Cambridge Unive rsity Press, http://www.copenhagenconsensus.com/sites/default/files/cp_hungerandmalnutritioncc08vol2.pdf, 27 ферали соли 2018 истифода шуд

# Ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон

Аз соли **2002** то **2007,** Бонки Осиёгии рушд **(БОР)** барномаи ғанигардонии орди гандумиро маблағгузорӣ намуд. Лоиҳа ба коҳишдиҳии ихтилолҳои алоқаманд ба норасоии йод ва камхунии алоқаманд ба норасоии оҳан, равона шудааст. Дастовардҳо таъсисдиҳии Ассотсиатсияи миллии истеҳсолкунандагони намак ва корхонаҳои ордбарорӣ, хариди таҷҳизоти ғанигардонӣ, пешниҳоди омӯзиш ва дастгирии техникӣ ба корхонаҳои азими ордбарорӣ, таҳияи қонуне, ки ғанигардонии ордро пешбинӣ мекунад, муайян намудани формулаи премикс (омехтаи тайёр) ва муқаррар намудани стандартҳои орди гандумии ғанигардонидашуда ва маҳсулоти нониро дар бар мегиранд.

Дар давоми татбиқи лоиҳа ғанигардонии ихтиёрии орд оғоз гардид. Аммо аз сабаби мавҷуд набудани қонунгузорие, ки ғанигардониро тақозо мекунад, раванди ғанигардонии ихтиёрӣ ба таври васеъ амалӣ нашуд ва баъди ба итмом расидани дастгирии БОР қатъ гардид. Бо вуҷуди талошҳои зиёд дар самти ҷорӣ намудани ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон ғанигардонии орди гандумӣ ҳатмӣ набуда, барномаи миллии ғанигардонии орд вуҷуд надорад. Айни замон ягона орде, ки дар Тоҷикистон барои истеъмол ғанӣ гардонида мешавад аз ҷониби Барномаи умумиҷаҳонии озуқа (БУО) дар доираи барномаҳои таъмини хӯрок дар мактаб ба 370 000 хонандагон

пешниҳод мегардад.[1] Моҳи октябри соли 2013 USAID/Тоҷикистон ба барномаи GAIN дастур дод, ки бахши гандум ва истеъмоли маҳсулоти ордӣ дар Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имкониятҳо барои таҳкими ғанигардонии орд бо микроэлементҳои ғизоӣ муайян гарданд. Тибқи хулосаҳои [2] таҳлили мазкур, орди гандумӣ танҳо тақрибан 70 фоизи талаботи ҳамарӯзаро ба энергия қонеъ мекунад.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои нишондиҳандаҳои баландтарини истеъмоли орд ба ҳар сари аҳолӣ маҳсуб меёбад. Ҳаштоду панҷ фоизи орди гандумӣ дар дохили кишвар дар қисмати шимоли он истеҳсол шуда, ғалла аз Қазоқистон ворид карда мешавад. Дар кишвар тақрибан 53 корхонаи азими ордбарорӣ мавҷуд аст, нисфи онҳо шахсӣ буда, нисфи дигар аз ҷониби Агентӣ оид ба захираҳои моддии назди Ҳукумати Тоҷикистон идора карда мешавад. Таҳлил нишон дод, ки бартарият доштани орди гандумӣ дар реҷаи истеъмоли ғизо ва зарфияти калони истеҳсолии бахши ордбарорӣ имкон медиҳад, ки ғанигардонӣ ҳамчун тадбири таъсирбахш барои беҳсозии истеъмоли ғизо дар Тоҷикистон истифода шавад.

Бо такя ба хулосаҳои мазкур, бо мақсади таъсисдиҳии барномаи миллии устувори ғанигардонии орди гандумӣ ҷиҳати беҳсозии истеъмоли ғизо дар байни занҳо ва кӯдакони осебпазир USAID ба барномаи GAIN дар Тоҷикистон дастгирии молиявӣ пешниҳод намуд.

**1** Сомонаи БУО Тоҷикистон**, http://www1.wfp.org/countries/tajikistan 27**феврали соли 2018 истифода шуд.

**2** Девид МакКи**,** моҳи маи **2014** г. Арзёбии ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон. **http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Assessment-of-Fortification-Opportunities-in-Tajikistan-ENG.pdf 9** феврали соли **2018** истифода шуд.



Акс: Сафоратхонаи ИМА



# ДАР БОРАИ ЛОИҲА

Лоиҳаи USAID “Дастгирии техникӣ барои коҳиш додани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ” аз ҷониби Алянси глобалӣ оид ба беҳдошти ғизо (GAIN) аз моҳи октябри соли 2014 то декабри соли 2017 амалӣ намуд. Дар давоми 27 моҳ ва бо маблағи 1,5 миллион доллари ИМА ҳадафи лоиҳа аз беҳсозии истеъмоли ғизо дар байни занҳо ва кӯдакони осебпазир дар Тоҷикистон тавассути иҷрои тадбирҳои зерин иборат буд:

**-Пешниҳоди далел ҷиҳати дастгирӣ намудани қабул ва татбиқи қонуну қоидаҳо оид ба ғанигардонии ҳатмии маҳсулоти хӯрокворӣ, бо диққати махсус ба ғанигардонии орди гандумӣ;**

**-Дастгирии роҳбарияти ҳукумат дар ташкилдиҳии ҳамоишҳои миллӣ, ки дар онҳо мавқеи истеъмоли ғизо ҳамчун афзалият дар барномаи миллии рушд муайян мегардад;**

**Аз нав дида баромадани стандартҳои ғанигардонии орд мутобиқи стандартҳои минтақавӣ;**

**-Истифодаи соҳаҳои мухталиф ҷиҳати баланд бардоштани иттилоотнокӣ дар бораи истеъмоли ғизо ва дастгирии он, норасоии микроэлементҳои ғизоӣ ва ғанигардонии орд;**

**-Таҳкими иқтидори мақомоти масъули назорати маҳсулоти озуқа бо мақсади назорат ва таъмини иҷрои қоидаҳои бехатарӣ ва сифати маҳсулоти озуқа, бахусус барои ғанигардонии орди гандумӣ;**

**-Таҳкими иқтидори бахши хусусӣ барои ғанигардонии орди гандумӣ.**

Лоиҳа ба ноилгардии ҳадафҳои аз ҷониби Ҳукумати ҶТ гузошташуда мусоидат намуд: Ҳадафҳои рушди устувор; Ҳадафҳои Ассамблеяи умумиҷаҳонии тандурустӣ барои то соли 2025; Ҷадвали ҳадафҳои умумӣ барои Тоҷикистон: вусъатдиҳии истеъмоли ғизо; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030; Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ барои солҳои 2015-2020; Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим барои солҳои 2011-2020; ва Стратегияи миллии солимии Ҷумҳурии Тоҷикстон барои солҳои 2010-2020.

# Уҳдадориҳои миллӣ
# ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ

Ҳукумати Тоҷикистон уҳдадориҳои зиёдро дар самти беҳсозии истеъмоли ғизо бар дӯши худ гирифт. Ғайр аз ин, дар стратегияҳои миллии ба масоили рушд, тандурустӣ ва ғизо нигаронидашуда коҳишдиҳии норасоии микроэлементҳои ғизоӣ ва пешбурди ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории ҳамчун тадбирҳои афзалиятнок махсусан таъкид шудаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳои роҳнамо афзалиятҳои давлат ва ҳадафҳо дар самти беҳдошти ғизо ташаккул дода шуда, чаҳорчӯбаҳои сиёсат, ки ба талошҳои ғанигардонӣ мусоидат мекунанд, нишон дода мешаванд.

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016- 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2016 тасдиқ гардидааст, ба беҳдошти ғизо тавассути бартараф намудани норасоии йод, оҳан ва витамини А дар ғизо нигаронида шудааст.

Соли 2016 Тоҷикистон Стратегияи миллии рушдро барои то соли 2030 (СМР- 2030) таҳия ва қабул намуд. Дар он ҳадафи дарозмуддати рушди Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардум дар доираи ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) муайян шудааст. Яке аз стратегияҳои Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифатро дар бар мегирад. Ҳадафҳои мушаххас коҳишдиҳии сатҳи қадпастӣ дар байни КТ5 то 17,4 фоиз то соли 2022, нигоҳ доштани сатҳи камғизоии КТ5 дар ҳудуди поёнтар аз 5 фоиз ва поён бурдани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ дар байни КТ5 ва занҳои синни 15-49 соларо, дар бар мегиранд.

Стратегияи ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014 тасдиқ гардидааст, ба коҳишдиҳии назарраси камғизоӣ, норасоии микроэлементҳои ғизоӣ, фарбеҳӣ ва дигар бемориҳои ғайрисироятии алоқаманд бо ғизо то соли 2024 нигаронида шудааст.

Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010- 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №368 тасдиқ шудааст, бегиҷҷагардонӣ ва муолиҷаи камғизоии вазнин ва шадид дар байни хадамоти калидии клиникиро дар бар мегирад. Инчунин стратегия ба пешгирӣ ва табобати ихтилолҳои алоқаманд бо норасоии микроэлементҳои ғизоӣ ва норасоии йод ва назорати риояи ҳатмии йодноккунии намак аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Тоҷикистон ба «Ҳаракати глобалӣ оид ба вусъатдиҳии истеъмоли ғизо» (SUN) соли 2013 ҳамроҳ шуд ва ният дорад тадбирҳои ҷавобиро дар соҳаҳои мухталиф нисбати камғизоӣ андешад. Ин имконият медиҳад, ки ҳар як кӯдак ва калонсол ҳуқуқи худро нисбати хӯроквории ва ғизо, аз имкониятҳои худ ба пуррагӣ истифода бурда, субот ва шукуфоии Тоҷикистонро таъмин намояд.

## ДАСТОВАРДҲОИ ЛОИҲА

Лоиҳаи Дастгирии техникии Тоҷикистон барои коҳиш додани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ дар самти фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои барномаи миллии ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории фаъолият бурда, механизмҳои бозории талабот ва пешниҳодро ба кор андохт, зарфияти соҳаро вобаста ба таъмини сифати озуқаворӣ баланд бардошт ва иқтидори Ҳукуматро дар назорат ва ва таъмини риояи талаботи қонунгузории амнияти маҳсулоти хӯроквории таҳким бахшид. Дар ҷадвали **1** ҳадафҳои асосии лоиҳа, фаъолияти он ва натиҷаҳо оварда шудаанд.

# Ҷадвали 1. Ҳадафҳо, фаъолият ва натиҷаҳои асосии

| БАХШИ ЛОИҲА | ФАЪОЛИЯТ | НАТИҶАҲО |
|---|---|---|
| **СИЁСАТ ВА ТАРҒИБУ ТАШВИҚ** | • Ба Ҳукумати Тоҷикистон дар баррасӣ ва такмили лоиҳаи Қонун **"**Дар бораи ғанигардонии орди гандумӣ**"** кӯмак расонида шуд<br>• Платформаи бисёрсоҳавии **SUN** дар кишварро дастгирӣ намуд ва бо мақсади ҷалби корхонаҳои маҳаллӣ ва бахши хусусӣ ва мусоидат ба муколамаи давлат бо бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани ғизои аҳолӣ дастгирии техникӣ пешниҳод намуд<br>• Ҷонибдорони ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар кишвар муайян ва фаъолона ҷалб шуданд<br>• Гурӯҳҳои зарардида ва таъсиррасон ба монанди волидайни кӯдакони дорои иллати модарзодии найчаи асаб, ҷарроҳони асаб, табибони кӯдакон, воситаҳои ахбори омма ва доираҳои илмӣ ҷалб карда шуданд<br>• Сафари омӯзишӣ ба ИМА бо мақсади шиносоӣ бо системаҳои хуби ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ташкил карда шуд<br>• Нақшаи миллии амал оид ба ғанигардонии орди гандумӣ таҳия гардид<br>• Ташкили шабакаи SUN Business Network дар Тоҷикистон ва тарбияи ҷонибдоронро дастгирӣ намуд | • Лоиҳаи Қонун **"**Дар бораи ғанигардонии орди гандумӣ**"** ба Парлумон ва вазоратҳои дахлдор пешниҳод гардид.<br>• Қабули Қонун **"**Дар бораи ғанигардонии орди гандумӣ**"** ба Чорчубаи натиҷаҳои умумӣ оид ба ғизои **SUN (**ЧНУҒ**)** ҳамчун яке аз ҳадафҳо.<br>• Зиёда аз **50** ҷонибдори ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ фаъолона ҷалб шуданд.<br>• Нақшаи миллии амал барои таъсисдиҳии барномаи миллии ғанигардонии орди гандумӣ бо харитаи роҳ таъмин мекунад.<br>• Зиёда аз **100** рӯзноманигор ва хабарнигор дар бораи норасоии микроэлементҳои ғизоӣ ва ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ маълумот пайдо к арданд ва маводҳои ВАО бо фарогирии **1.5** миллион нафар аҳолӣ омода намуданд. |
| **ИСТЕҲСОЛ ВА ПЕШНИҲОД** | • Арзёбии ҳаматарафаи саноати ордбарорӣ гузаронида шуд<br>• Ба корхонаҳои ордбарор ҷиҳати оғоз намудани ғанигардонӣ ва риояи стандартҳо дастгирии техник ӣ пешниҳод карда шуд | • Арзёбии ҳаматарафаи саноати ордбарорӣ гузаронида шуд, ки он фаҳмиши мансабдорони давлатиро оиди имконпазир будани ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон вусъат дод.<br>• Барои **90%** корхонаҳои ордбарорӣ оид ба усулҳои ғанигардонии орди гандумӣ аз ҷумла ТС/НС омӯзиш гузаронида шуд. |
| СИФАТ | • Арзёбии озмоишгоҳҳои маҳсулоти хӯрокворӣ гузаронида шуд<br>• Иқтидори мақомоти назоратии маҳсулоти хӯрокворӣ ҷиҳати санҷиши стандартҳои ғанигардонӣ тақвият дода шуд<br>• Иқтидори Алянси миллии ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар назди Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ баланд бардошта шуд<br>• Сафари омӯзишӣ ба Қазоқистон ташкил карда шуд | • Ҳукумат дар бораи дараҷаи омодагии озмоишгоҳҳо барои санҷиши воситаҳои ғанигардонӣ бо маълумот таъмин гардид.<br>• Иқтидори озмоишгоҳҳои Агентии "Тоҷикстандарт" ҷиҳати санҷиши воситаҳои ғанигардонӣ вусъат дода шуд.<br>• Барои мақомоти танзимкунанда ва назорати ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ оид ба ТС/НС омӯзиш гузаронида шуд.<br>• Алянси миллии ғанигардонӣ таъсис дода шуд.<br>• Ба аъзоёни Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ/AMF омӯзиш оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва таҷрибаҳои пешқадами минтақавии ғанигардонӣ гузаронида шуд. |
| ТАЛАБОТ | • Иқтидори ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба манфиатҳои оҳан ва кислотаи фолиевӣ дар орди ғанигардонидашуда тақвият дода шуд<br>• Мутахассисони алоқаи ВТҲИА оид ба таҳияи паёмҳои ВАО дар бораи камхунӣ ва норасоии микроэлементҳои ғизоӣ омӯзонида шуданд<br>• Маводҳои ВАО оид ба камхунӣ ва норасоии микроэлементҳои ғизоӣ таҳия гардиданд | • ВТҲИА дар бораи камхунӣ ва норасоии микроэлементҳои ғизоӣ иттилоъ медиҳад ва маводҳои ВАО ва паёмҳоро омода мекунад.<br>• Маводҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани огоҳии ҷомеа таҳия карда шуданд. |
| МОНИТОРИНГ | • Феҳристи миллӣ оиди нуқсҳои модарзодӣ (ФМНМ) ташкил карда шуд ва маълумот дар бораи пешрафт дар самти ташкили феҳристи миллӣ оиди нуқсҳои модарзодӣ ба даст омада, ба Ҳукумати Тоҷикистон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод гардид<br>• Омӯзиш барои кормандони тиб оид ба истифодаи дурусти ФНМ гузаронида шуд<br>• Кӯмаки техникӣ ба Вазорати тандурустӣ дар мониторинг ва табодули дониш бо мақсади роҳнамоии барнома расонида шуд | • Феҳристи миллии электронии ВТҲИА оиди нуқсҳои модарзодӣ **100** намуди нуқсҳои модарзодиро ба қайд гирифта назорат мекунад ва Маълумотномаи солонаи омориро ба табъ расонид.<br>• Сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ВТҲИА дар бораи нуқси модарзодии найчаи асаб тавассути феҳристи миллӣ иттилоъ медиҳанд. |

# Базаи далелҳо, ҳуҷҷатҳои лоиҳа ва ҳисоботҳо

Пажӯҳишҳо, тадқиқот, арзёбиҳо ва таҳлилҳои таҳти лоиҳа гузаронидашуда барои бурдани тарғибу ташвиқ ва роҳнамоӣ ҷиҳати таъсиси барномаи устувори ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Тоҷикистон замина мегузоранд. Масалан, таҳлили хароҷот ва манфиатҳои GAIN ҳамчун воситаи самараноки тарғибу ташвиқ тавассути арзёбии хароҷоти иқтисодии норасоии микроэлементҳои ғизоӣ дар Тоҷикистон ва қабули қарори сармоягузорӣ барои барномаи миллии ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ хизмат намуд.

## Арзёбии ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон (2014)



TAJIKISTAN WHEAT FLOUR FORTIFICATION ASSESSMENT

gain

Tajikistan Wheat Flour Fortification Assessment

Final

May 2014

**Contacts**

Lead Author: David McKee, davidmckee59@msn.com

Co-Author: GAIN: Greg S. Garrett, Director, Large Scale Food Fortification ggarrett@gainhealth.org

***This report is made possible with the support of the American people through the United States Agencyfor International Development (USAID)***

USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

Арзёбии бахши ордбарорӣ дар Тоҷикистон маълум намуд, ки орди гандумӣ воситаи беҳтарин барои ғанигардонӣ бо истифода аз чунин микроэлементҳои муҳимми ғизоӣ ба монанди оҳан ва кислотаи фолиевӣ мебошад. Ғайр аз ин арзёбӣ тамоюлҳои мусбатро дар истеҳсоли умумӣ, воридот ва истеъмол ошкор сохта, муайян намуд, ки истеҳсолкунандагони орд ва мансабдорони соҳаи тандурустӣ барои пиёда намудани барномаи ғанигардонии орд дорои таҷриба ва маълумот мебошанд.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Assessment-of-Fortification-Opportunities-in-Tajikistan-ENG.pdf**

## Тадқиқоти ибтидоӣ дар робита бо истеъмоли орди гандумӣ ва ё ғалладона дар вилояти Хатлон (2014)



БАЗОВОЕ ИЗУЧЕНИЕ ПРАКТИКИ ПОТРЕБЛЕНИЯ ПШЕНИЧНОЙ МУКИ И/ИЛИ МУЧНЫХ ПРОДУКТОВ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ, ТАДЖИКИСТАН

gain

Базовое изучение практики потребления пшеничной муки и/или мучных продуктов в Хатлонской области, Таджикистан

Июнь 2014

**Контактные лица**

Ведущие авторы:Дарра Финглтон, darragh.fingleton@z-analytics.tj

Мадина Муратова, madina.muratova@z-analytics.tj

Z-Analytics: Гульнора Бекназарова, gulnora.beknazarova@z-analytics.tj

Консультант: Эверет Причей, epeachey@umich.edu

GAIN: Грег С. Гаррет, ggarrett@gainhealth.org

***Составление данного отчёта стало возможным благодаря поддержке американского народа, оказанной через Агентство США по международному развитию (USAID)***

USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

Дар тадқиқоти мазкур шарҳи маълумот дар бораи ғизо, реҷаи истеъмоли ғизо ва масоили солимии хонаводаҳо ва ҷомеаҳо ва таҷрибаҳои ҳаррӯзаи оилаҳо ва кӯдакони синни мактаб пешкаш мегардад. Вилояти Хатлон макони нишондиҳандаҳои аз ҳама пасти саломатӣ ва сатҳи аз ҳама баланди камғизоӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ҳисобот инчунин фазои соҳибкорӣ ва сиёсат барои ғанигардонии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, аз ҷумла орди гандумӣ бо микроэлементҳои ғизоӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Тадқиқот муайян намуд, ки дар байни истеъмолкунандагон ё истеҳсолкунандагон огоҳӣ мавҷуд нест, аммо мухолифат нисбати идеяи ғанигардонӣ ба назар намерасад.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Z-Analytics-Formative-research-Khatlon-Province-2014-ENG.pdf**

## Арзёбии соҳаи истеҳсоли орди гандумӣ дар Тоҷикистон (2015)

Дар арзёбии мазкур соҳаи истеҳсоли орди гандумӣ дар Тоҷикистон бо баррасии тамоюлҳои истеҳсоли орд, дастраси он ва фурӯши орди гандумии ғанигардонидашуда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Гузориш инчунин камбудиҳо ва мушкилиҳоеро, ки бо онҳо соҳаи ордбарорӣ дар талошҳои ояндаи ғанигардонӣ рӯ ба рӯ мешавад, муайян намуд; дар он стратегияҳо ҷиҳати қабул ва татбиқи қонунгузорӣ бо мақсади вусъатдиҳии ғанигардонии орд тавсия мешаванд.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Wheat-Flour-Milling-Industry-Assessment-Report-ENG.pdf**


USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

gain Global Alliance for Improved Nutrition

ASSESSMENT
OF WHEAT FLOUR MILLING INDUSTRY
IN TAJIKISTAN

**Report submitted on 11 August 2015**

This report is made possible by the support of the American people through the United States Agency for International Development (USAID). The contents are the sole responsibility of Global Alliance for Improved Nutrition (GAIN) and do not necessarily reflect the views of USAID or the United States Government.

1

## Ғанигардонии минтақавӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ: Дарсҳои андӯхта (2015)

Дар тадқиқоти мазкур муваффақият ва нокомиҳои барномаҳои қаблии васеи ғанигардонӣ дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷамъбаст карда мешаванд.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Summary-of-Lessons-Learned-in-the-Central-Asia-Republics-ENG1.pdf**


USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

gain Global Alliance for Improved Nutrition

Regional Fortification in the Central Asian Republics: Lessons Learned

27 JANUARY 2015

Executive Summary

This report examines previous large-scale fortification efforts in the Central Asian Republics to ascertain the lessons that can be learned from their successes and failures. Major regional and national projects which were reviewed for this report include the following:

1. UNICEF regional salt iodization projects during the 1990s[1].
2. UNICEF wheat flour fortification projects during the 1990s in Kyrgyz Republic and Turkmenistan.
3. ADB and JICA regional salt and wheat flour fortification initiatives in 2001 and 2005[2].
4. 2005 GAIN, World Bank, and UNICEF national-level wheat flour fortification in Uzbekistan.
5. 2008 GAIN/UNICEF social mobilization project to scale up wheat flour fortification in Kazakhstan.

Major lessons learned from these projects include the following:

**Understanding the nature of regional trade.** Regional trade is highly integrated and dynamic, especially as it concerns wheat and wheat flour. Kazakhstan is the major producer of both wheat and wheat flour in the region and thus, the production and trade context there will impact the entire region. Trade constraints contribute to changing prices of wheat versus wheat flour that are imported and exported, requiring a more joined-up, regional fortification strategy.

**Constantly renewing political support.** Political will is a necessary element in the design and throughout implementation of fortification legislation, requiring advocacy at the highest levels of government, creation of a strong sense of national ownership, and knowledge of the potential impact of fortification.

**Building regulatory and enforcement capacity.** A large, decentralized industry and a busy food control agenda leads to weak enforcement on the part of regulatory agencies including a reduced ability to monitor domestic production. Monitoring imports is also difficult considering that a high proportion of markets and trade are informal.

**Engaging with stakeholders from multiple sectors.** Fortification does not naturally sit within any one sector and therefore successful fortification efforts require cooperation among various government Ministries, NGOs and civil society, and the private sector. Clear institution structures, roles and responsibilities must be identified and followed. Central Asian Republics have struggled to find a balance between maintaining state control and promoting public-private partnerships.

**Incentivizing industrial partners.** The milling industry in the region has the technical capability to fortify, but not enough financial incentive to do so. Although consolidating, there are still many industry players competing for market share and operating with little profit margin which makes investments in premix and equipment difficult to justify without guaranteed sales. There are various mechanisms which can be put in place alongside an enforcement component to better incentivize fortification for industry.

**Communicating to create demand.** Marketing messages and nutrition/fortification communication must include all parts of the supply chain, not just the end consumer. While social mobilization should be community based and involve community leaders, effective communications must also be provided along the value chain to consumer associations, retailers, wholesalers, and industry and should adapt to local realities of supply, demand, nutrition knowledge, and consumption patterns.

[1] Included Kazakhstan, Kyrgyz Republic, Tajikistan, Turkmenistan, and Uzbekistan.
[2] Included Azerbaijan, Kazakhstan, Kyrgyz Republic, Mongolia, Tajikistan, and Uzbekistan.

1 | Regional Fortification: Lessons Learned

## Таҳлили қонунгузории ғанигардонии орди гандумӣ ва сиёсат дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, қонун ва сиёсат дар бораи ғанигардонии орди гандумӣ ва равған дар мамлакатҳои Осиёи Миёна, дар Афғонистон ва Покистон (2015)

Дар таҳлили қонунгузорӣ ва сиёсати мазкур арзёбии заминаи мавҷудаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва баррасии қонунҳо ва қоидаҳои алоқаманд бо ғанигардонии орди гандумӣ дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Покистон оварда шудааст.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Analysis-of-Food-Fortification-in-CAR-Afghanistan-and-Pakistan-ENG.pdf**


USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

gain Global Alliance for Improved Nutrition

ПРОГРАММА ПО ФОРТИФИКАЦИИ ПРОДУКТОВ ПИТАНИЯ В АФГАНИСТАНЕ/ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Анализ законодательства и нормативно-правовой базы по обогащению пшеничной муки

в Центральной Азии
(в Казахстане, Кыргызстане, Таджикистане и Узбекистане)

а также

законодательства по обогащению пшеничной муки и растительного масла

в Пакистане и Афганистане

*подготовили:* **Сергей Шевчук и Калимуддин Гаури**

**Сентябрь 2015**

## Гузориш дар бораи арзёбии озмоишгоҳҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар Тоҷикистон (2015)

Дар доираи таҳлили пешакӣ иқтидори имрӯзаи озмоишгоҳи миллӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардида, тадбирҳои мушаххас ҷиҳати таъсис ва татбиқи барномаҳои миллии мониторинг ва риояи талабот, муайян карда шуданд.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2014/07/Tajikistan-Laboratory-Assessment-Report-ENG.pdf**


ОТЧЕТ ОБ ОЦЕНКЕ ПИЩЕВЫХ ЛАБОРАТОРИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Июль 2015 г.

## Таҳлили хароҷот ва манфиатҳои ғанигардонии орди гандумӣ (2016)

Бо дархости Ҳукумати Тоҷикистон таҳлили хароҷот ва манфиатҳоро барои ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ҷиҳати бартараф намудани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ, ба монанди норасоии оҳан ва кислотаи фолиевӣ, аз ҷониби барномаи GAIN гузаронида шуд. Тибқи дурнамои таҳлил наандешидани ягон тадбир ҷиҳати бартараф намудани норасоии микроэлементҳои ғизоӣ барои Тоҷикистон боиси коҳишёбии истеҳсолот, беморӣ ва фавт гашта, зарари иқтисодӣ дар давоми 10 сол  878 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки ғанигардонии орди навъи олӣ ва якум бо оҳан ва кислотаи фолиевӣ талафоти мазкурро ба 302 млн. доллари ИМА коҳиш медиҳад. Тибқи ҳисобҳои таҳлил барномаи миллии ғанигардонии орди гандумӣ дар давоми 10 сол 32 млн. доллари ИМА ташкил дода, даромади 9:1 таъмин мекунад.


ОБОГАЩЕНИЕ ПИЩЕВЫХ ПРОДУКТОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

ЭКОНОМИЧЕСКИ ЭФФЕКТИВНАЯ СТРАТЕГИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА

Июнь 2016 года

ОТКАЗ ОТ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

Настоящий отчет подготовлен при поддержке американского народа, оказанной через Агентство США по международному развитию (USAID). Автор несет полную ответственность за содержание отчета, которое не обязательно отражает взгляды USAID или Правительства Соединенных Штатов.

**http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2016/06/AnalysisofEconomicLosses-TajikistanFullReport_FINAL-English.pdf**

## Арзёбии низоми миллии танзим ва назорати маҳсулоти хӯрокворӣ ва таъмини риояи он (феврали соли 2017)

Арзёбии низоми миллии танзим ва назорати маҳсулоти хӯрокворӣ ва риояи он дар Тоҷикистон ҷиҳати тақвиятдиҳии иқтидори мақомоти назоратии маҳсулоти хӯрокворӣ бо мақсади мониторинги стандартҳои ғанигардонӣ.

Чоп нашудааст. Барои нусха ба барномаи GAIN муроҷиат намоед.

# Ҷонибҳои манфиатдори ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори

| ШАРИКОН | ТАВСИФ ВА НАҚШ |
|---|---|
| БАХШИ ДАВЛАТӢ ВА ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР АЗ ҲУКУМАТ | |
| Палатаи поёни Парлумон, яъне Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ | ▪ Мақоми намояндагӣ ва қонунгузорие, ки қонунҳо, аз ҷумла ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориро таҳия намуда, тасдиқ мекунад |
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | ▪ Шарики асосии ҳукуматӣ дар самти ғанигардонӣ ва беҳдошти ғизо.<br>▪ Қонун дар бораи ғанигардонии ҳатмиро соли 2017 таҳия намуд |
| Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ | ▪ Маркази ВТҲИА, ки омор ва иттилооти тиббиро барои ҳукумат ҷамъ меоварад<br>▪ Аз болои таҳия ва истифодаи феҳристи миллии нуқсҳои модарзодӣ назорат бурда, ба мутахассисони омор оид ба истифодаи феҳрист омӯзиш гузаронид |
| Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим | ▪ Шӯъбаи ВТҲИА, ки тарзи ҳаёти солимро пеш мебарад ва иттилооти вобаста ба масоили тандурустӣ ва беҳдошти ғизоро пешкаш менамояд<br>▪ Барои ВАО омӯзиш ва бо волидайни кӯдакони дорои нуқси модарзодии найчаи асаб семинарҳо гузаронид |
| Алянси миллии ғанигардонӣ (АМҒ) | ▪ Дар назди Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯроквори расман таъсис дода шудааст<br>▪ Ташаббусҳои алоқаманд бо ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориро дар кишвар ҳамоҳанг месозад |
| Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | ▪ Муассисаи танзимкунанда дар назди ВТҲИА, масъули таъмини бехатарӣ ва сифати маҳсулоти хӯроквори тавассути нозироне, ки дар мавзеъҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯроквори ва бозорҳо фаъолият мебаранд |
| Агентии “Тоҷикстандарт” | ▪ Муассисаи давлатии танзимкунанда, ки стандарт ва чораҳои заруриро муайян мекунад<br>▪ Ба кормандони озмоишгоҳ ва нозирони маҳсулоти хӯроквори омӯзиш гузаронид |
| ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДИИ МАҲАЛЛӢ | |
| Академияи илмҳо | ▪ Ташкилоти ғайритиҷоратии муҳаққиқони пешбари кишвар, ки оид ба масъалаҳои барои миллат аҳамиятдошта машваратҳои беғараз ва илмӣ медиҳад<br>▪ Барои олимони ҷавон семинар оид ба ғанигардонии маҳсулоти хуроквори ташкил намуд ва имкониятҳоро барои гузаронидани тадқиқот фароҳам овард |

| | |
|---|---|
| Ассотсиатсияи табибони кӯдакон | ▪ Ассотсиатсияи касбӣ, ки дар таъсисдиҳии феҳристи миллии нуқсҳои модарзодӣ ва таҳияи Нақшаи миллии амал барои ғанигардонии орди гандумӣ кӯмак расонид |
| Мактаби мустақили рӯзноманигории “Тоҷикистон - асри 21” | ▪ Муассисаи мустақили таълимӣ барои ВАО ва рӯзноманигорӣ, ки барои рӯзноманигорон оид ба иттилоотдиҳӣ дар бораи беҳдошти ғизо ва ғанигардонии маҳсулоти хӯроквӯрӣ омӯзиш гузаронид |
| Ассотсиатсияи бехатарии биологии Тоҷикистон (ТАБиоЗ) | ▪ Ташкилоти нимдавлатӣ, ки барои кормандони озмоишгоҳ ва нозирони маҳсулоти хӯроквӯрӣ оид ба таъмини сифат ва назорати он барои ғанигардонии орди гандумӣ омӯзиш гузаронид ва семинар оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯроквӯрӣ барои корхонаҳои ордбарор ташкил намуд |
| **БАХШИ ХУСУСӢ** | |
| Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ▪ Созмони марказӣ барои корхонаҳои бахши хусусӣ<br>▪ Имкониятҳои таъсисдиҳии шабакаи хусусии SBN дар Тоҷикистонро омӯхт ва стратегияи SBN таҳия намуд |
| Интертек, Олмон | ▪ Ширкати хусусии мустақар дар Олмон хизматрасониҳои инноватсиониро оид ба кафолат, санҷиш, назорат ва шаҳодатномадиҳӣ пешниҳод мекунад<br>▪ Таҳлилҳои озмоишгоҳӣ, риояи меъёрҳои муқарраршуда ва мониторингӣ гузаронид |
| Интертек, ИМА | ▪ Ширкате, ки роҳҳои ҳалро барои бозорҳои таҷҳизоти автомобилӣ, тиббӣ ва саноатӣ таҳия мекунад<br>▪ Барои санҷиши меъёри оҳан таҷҳизоти озмоишгоҳро таъмин намуд |
| Волтапром, Россия | ▪ Ширкати мустақар дар Россия, ки таҷҳизоти озмоишгоҳро истеҳсол мекунад<br>▪ Таҷҳизоти озмоишгоҳро таъмин намуд |
| **ШАРИКОНИ РУШД** | |
| Федератсияи байналмилалии нуқси модарзодии найчаи асаб ва гидросефалия | ▪ Ташкилоти хориҷии шарик мустақар дар Белгия, ки истифодаи кислотаи фолиевиро ҷиҳати пешгирии нуқсҳои модарзодӣ ташвиқу тарғиб намуда, оилаҳои дорои нуқсҳои модарзодии найчаи асабро (НМНА) дастгирӣ мекунад<br>▪ Ба Тоҷикистон ташриф оварда ба ҷарроҳони асаб ва оилаҳои дорои НМНА семинарҳо гузаронид |
| Барномаи солимӣ ва беҳдошти ғизо дар Тоҷикистон – Озуқаворӣ ба хотири оянда | ▪ Лоиҳаи USAID, ки аз ҷониби ташкилоти IntraHealth татбиқ мегардад. Дар доираи он ҳифзи саломатии модар, навзод ва кӯдак бо диққати махсус ба истеъмоли ғизо, беҳдошт ва гигиена таъмин мегардад<br>▪ Дар гузаронидани семинари ВАО мусоидат намуд |
| Ташаббуси ғанигардонии маҳсулоти хӯроквӯрӣ, ИМА | ▪ Ташкилоти ҷамъиятии хориҷӣ, ки ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориро тарғиб мекунад<br>▪ Дар ташкили сафари омӯзишӣ ба ИМА барои ҳайати мансабдорони Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии қонуни ғанигардонии ҳатмӣ мусоидат намуд |

# Хулоса ва тавсияҳо барои барномарезии оянда

Лоиҳа ба натиҷаҳои зиёд муваффақ гашт, аммо дар оянда корҳои зиёдеро бояд анҷом дод. Фаъолияти GAIN дар Тоҷикистон таҷрибаи моро дар 20 кишвари дигар инъикос мекунад, яъне барои бунёдсозии барномаи миллии устувори ғанигардонӣ, аз ҷумла қонунгузории марбут ба ғанигардонӣ аз се то чаҳор сол лозим аст ва барои ноилгардӣ ба муваффақият натиҷаҳои кӯтоҳмуддат дар якҷоягӣ бо такмилдиҳии пайваста ва мутобиқшавӣ барои эътино ба ҳодисаҳои мухталиф зарур мебошанд. Бахшҳои барномаи ғанигардонии орди гандумӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд ва ҷиҳати таъмини муваффақият дастгирии иловагиро талаб мекунад. Талошҳои пайваста бояд ба қабули қонун дар бораи ғанигардонии ҳатмӣ, дастгирии соҳа ҷиҳати таъмини риояи талабот ва имконияти бурдани назорат аз ҷониби давлат ва таъмини иҷрои қоидаҳо ва стандартҳои он, равона карда шаванд. Фикру мулоҳизаҳо ва тавсияҳо дар асоси муҳокимаҳо бо ҷонибҳои манфиатдори ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ, таҷрибаи амалисозӣ ва натиҷаҳои семинар ва омӯзишҳои лоиҳа дар поён оварда шудаанд.

### 1. ҲАМОҲАНГСОЗИИ ҲАДАФ, ФАЪОЛИЯТ ВА ПАЁМҲОИ ЛОИҲА БО СТРАТЕГИЯҲОИ ДАВЛАТ ҶОНИБДОРИИ СИЁСИРО ЭҶОД МЕКУНАД.

Ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ аллакай дар стратегияҳои миллӣ ва сиёсатҳо ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ барои солҳои 2015-2024, Барномаи миллӣ барои ташаккули тарзи ҳаёти солим барои солҳои 2011-2020, ва Стратегияи миллии солимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 дохил карда шуд. Лоиҳа ин ӯҳдадориҳои мавҷударо ҷиҳати пешбурди масъалаи ғанигардонӣ, ки иттилоотдиҳӣ ва тарғибу ташвиқро пешбинӣ мекунад, бо мақсади таъкид намудани он ки чӣ тавр ғанигардонӣ метавонад ба иҷрои ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва ҳадафҳои рушди миллӣ мусоидат кунад, истифода бурд. Чунин муносибат дастгирии фаъолияти лоиҳаро аз ҷониби давлат таъмин намуд ва бояд он барои тадбирҳои ояндаи марбут ба тарғибу ташвиқ ҳамчун асос хизмат кунад.

**ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:**

- Истифода аз ҷонибдории ҳукумат ва сиёсатҳое, ки дар фаъолияти тарғибу ташвиқ ва баланд бардоштани иттилоотнокӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ барои ғанигардонӣ мусоидат мекунад.

## 2. МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҒАНИГАРДОНИИ ОРДИ ГАНДУМӢ АСОСНОК ВА РАВШАН МЕБОШАНД, АММО МУХОЛИФАТ ҲАНӮЗ ҲАМ ВУҶУД ДОРАД.

Таҳлилҳои хароҷот ва манфиатҳо (ТХМ) ба ҳукумат барои дарки таъсир ва самаранокии сармоягузорӣ дар ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ кӯмак расонида, бахри пешбурди манфиат дар ғанигардонии ҳатмии маҳсулоти хӯрокворӣ ва пешниҳоди маълумот бо дурнамои талафот ва таъсири алоқаманд бо норасоии микроэлементҳои ғизоӣ, ҳамчун воситаи беҳтарини тарғибу ташвиқ эътироф шуд.
ТХМ диққати шахсони воломақоми сиёсиро ба монанди Ноиби сухангӯи Палатаи поёнии Парлумон ҷалб намуд, ки худ ҷонибдори фаъоли пешбурди тадбирҳои қонунгузорӣ гардид. Бо вуҷуди талошҳои мазкур, тарафдорони соҳаи ордбарорӣ бар он ақидаанд, ки хароҷоти таҷҳизоти ғанигардонӣ ва маводҳои масрафшаванда нархҳоро боло бурда, рақобати соҳаро дар бозори дохилӣ, ки ба зарари содирот аст, коҳиш медиҳад. Азбаски нархи орди гандумӣ аз лиҳози сиёсӣ хеле ҳассос мебошад, ҳукумат барои боло бурдани нархи орд бо сабаби асоснок майлу рағбат нишон намедиҳад. Аз ин рӯ, далелҳои мазкур воқеан барои татбиқи қонунгузории қаблӣ ва талошҳои кунунӣ монеағӣ мекунанд. Ҷалби пешакии ҳукумат ҷиҳати барпо намудани муносибатҳои боэътимод бо корхонаҳои ордбарор метавонад муқобилияти соҳаро ба қонунгузории ҳатмӣ коҳиш диҳад.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Таҳияи стратегия ҷиҳати ҷалби соҳибони корхонаҳои ордбарор ба раванди банақшагирӣ ва татбиқи барномаи миллии ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ.

## 3. СОҲА БАРОИ ОҒОЗИ РАВАНДИ ҒАНИГАРДОНӢ БА ДАСТГИРӢ НИЁЗ ДОРАД.

Барои риояи талабот соҳа ба дастгирӣ ниёз дорад, зеро аксари корхонаҳои ордбарор аз таҷрибаҳои пешқадам дар самти таъмини бехатарӣ ва сифати маҳсулоти хӯрокворӣ истифода намебаранд. Омӯзиш оид ба назорат ва таъмини сифат ва дастгирӣ дар таҳияи низоми ТС/НС (ба монанди дастурҳо ва санҷиш) зарур мебошад. Таъсисдиҳии ассотсиатсияҳои соҳавӣ барои омӯзиш ва баланд бардоштани иқтидор, табодули маълумот, хариди премиксҳо дар ҳаҷми калон ҷиҳати таъмини қобилияти истеҳсолкунанда барои риояи қонунгузории ғанигардонӣ, низ метавонад майдон фароҳам оварад.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Дастгирии таъсиси Ассотсиатсияи корхонаҳои ордбарори Тоҷикистон.

- Таҳияи дастурамалҳо барои ширкатҳои ордбарор оид ба технологияи истеҳсоли орди гандумии ғанигардонидашуда.

- Таъсиси низом барои хариди маводҳои ғанигардонӣ.

## 4. ХАРОҶОТИ ҒАНИГАРДОНИРО МЕТАВОН ТАВАССУТИ АНДЕШИДАНИ ТАДБИРҲО АЗ ҶОНИБИ ДАВЛАТ КОҲИШ ДОД.

Хароҷоти маводи ғанигардонӣ (ки ҳамчун премикс низ маъруф аст) ҳамчун хароҷоти бузургтарини ҷории истеҳсолкунандагон маҳсуб меёбад. Озод намудани воситаҳои ғанигардонӣ аз андоз хароҷоти истеҳсолкунандагонро ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва ғанигардонии ихтиёриро бештар ҷолиб месозад. Дар Покистон, таҳлилҳои хароҷот муайян намуданд, ки боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои премикс тақрибан **60** фоизи хароҷоти ғанигардониро ташкил медиҳанд, аз ин рӯ воситаҳои мазкур аз пардохти андоз озод карда шуданд. Дар натиҷа, хароҷоти истеҳсолӣ ва нархи чаканаи орди ғанигардонидашуда поён рафт. Айни замон Ҳукумати Покистон озод намудани таҷҳизоти ғанигардониро аз андоз баррасӣ менамояд. Афғонистон низ боҷҳои гумрукиро аз **32** то **2** фоиз коҳиш дод.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Тарғиби коҳишдиҳӣ/озод намудани премиксҳо ва таҷҳизоти ғанигардонӣ аз андозҳо ва боҷҳои воридотӣ.

## 5. ҒАНИГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ БОЯД БО АФЗАЛИЯТҲО ВА РОҲҲОИ МУХТАЛИФИ КОР ТЕЪДОДИ ЗИЁДИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОРРО ҶАЛБ НАМОЯД, КИ ОН БАРОИ ЗИЕД КАРДАНИ ҲАВАСМАНДӢ ВА ТАЛАБОТ МАВҶУДИЯТИ СТРАТЕГИЯИ САМАРАНОКИ ТАРҒИБУ ТАШВИҚРО ТАҚОЗО МЕКУНАД.

Ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори қувваҳои бозор (пешниҳод ва талабот) ва бахшҳои техникиро фаро мегирад ва аз ҷониби давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ андешидани тадбирҳоро тақозо мекунад. Бо дарназардошти манфиатҳои мухталиф ва баъзан рақобаткунанда муттаҳидсозии талошҳои ҷонибҳои манфиатдор кори мушкил мебошад. Қабул нашудани ғанигардонии ҳатмӣ дар соли **2016** таъкид ба зарурати бурдани ташвиқу тарғиботро дар байни бахши хусусӣ ва ҳалли пешакии мушкилоте, ки метавонад монеи пешрафт бошад, нишон дод. Ҷалби сиёсатмадорони баландпоя ва мансабдорони давлатӣ барои таъмини дастгирии пешбурди ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори муҳим мебошад. Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва талабот аз ҷониби воситаҳои ахбори омма воситаи таъсирбахши расонидани паёмҳои алоқаманд бо истеъмоли ғизо ба ҷомеа эътироф шуд, аммо он барои мусоидат ба андешидани тадбирҳои қонунгузорӣ метавонад кофӣ набошад. Зери ҳадаф қарор додани воситаҳои ахбори омма, ки дар байни ҳизби ҳукмрон аудиторияи васеъ доранд ва хулосаҳои рӯзноманигорон диққати сиёсатмадорон ва технократҳоро ҷалб намуд.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Идома додани ҷалби ВАО, доираҳои илмӣ ва дигар бахшҳо бо мақсади дастгирии қонунгузории ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори ва татбиқи он.

## 6. БАРНОМАҲОИ БОМУВАФФАҚИЯТИ ҒАНИГАРДОНӢ ҚАБУЛ ВА ТАЪМИНИ ИҶРОИ ОНҲОРО ТАҚОЗО МЕКУНАНД.

Баъди ҳатмӣ шудани ғанигардонии маҳсулоти озуқаворӣ ҳукумат бояд таҳияи санадҳои зерқонунӣ, муқаррарот, таҷдиди стандарт ва протоколҳоро сарварӣ намуда, Нақшаи миллии ғанигардонии орди гандумиро тасдиқ кунад. Талошҳои тарғибу ташвиқ дар сатҳи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахусус дар минтақаҳои истеҳсоли орд бояд риояи талаботи меъёриро дар байни мақомоти танзимкунанда таъмин намояд. Ин таъмини озмоишгоҳҳоро бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ ба монанди реагентҳо талаб мекунад.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Дастгирии раванди қабули қонун дар бораи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори ва дигар санадҳои зерқонунӣ.

## 7. ТАЛОШҲОИ ҒАНИГАРДОНӢ БОЯД НИЗОМРО БАРОИ ТАЪМИНИ ФАРОГИРӢ, ДАСТРАСӢ ВА СИФАТ ДАР БАР ГИРАД.

Вақте ки барномаи миллии ғанигардонӣ таъсис дода мешавад, нишондиҳандаҳо ва тадбирҳо бояд ба низоми назорат дохил карда шаванд. Чунин воситаҳо, ба монанди тадқиқоти GAIN оид ба баҳодиҳии дараҷаи ғанигардонӣ (FACT), метавонанд самаранокии барномаҳои калони ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворирo баҳо дода, маълум намояд, ки оё шахсони дорои хавфи баланди норасоии микроэлементҳои ғизоӣ аз маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда баҳра мебаранд ё не.

## ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА:

- Таҳияи низоми мониторинг ва арзёбӣ барои баҳодиҳии самаранокии барномаи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквори.

**Далелҳои қавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ғанигардонии орди гандумӣ як сармоягузории хуб барои беҳтар намудани саломатии мардуми тоҷик буда, мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ хоҳад кард. Ҷонибҳои манфиатдор бояд аз фурсат истифода бурда, пешрафти барномаи ғанигардониро таъмин намоянд. Барои таъмини муваффақияти дарозмуддат ғанигардонӣ роҳнамоии ҳукумат, иштироки бахши хусусӣ ва дастгирии пайвастаи шарикони рушдро тақозо мекунад.**

# Сарчашмаҳои маълумотии муфид дар сатҳи глобалӣ оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ

## ДАСТУРАМАЛҲО ОИД БА ҒАНИГАРДОНӢ

• Дастурамали СҶТ ва ФАО оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ бо микроэлементҳои ғизоӣ (2006)
http://www.who.int/nutrition/publications/guide_food_fortification_micronutrients.pdf
• Тавсияҳои СҶТ оид ба ғанигардонии орди гандумӣ ва ҷуворимакка (2009)
http://www.who.int/nutrition/publications/micronutrients/wheat_maize_fortification/en/
• Тавсияҳои СҶТ оид ба ғанигардонии орди ҷуворимакка (2016)
http://www.who.int/nutrition/publications/micronutrients/guidelines/maize-corn-fortification/en/
• Тавсияҳои СҶТ оид ба ғанигардонии намак (2014)
http://apps.who.int/iris/bitstream/10665/136908/1/9789241507929_eng.pdf

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ВА ТАШВИҚУ ТАРҒИБИ ҒАНИГАРДОНӢ

• GAIN барои маълумоти умумӣ ва таҷрибаҳои пешқадами ғанигардонӣ
• Ташаббуси ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ (FFI) барои маълумоти умумӣ ва таҷрибаҳои пешқадами хоси ғанигардонии ғалладонагиҳо
• Шабакаи глобалии йод (IGN) барои маълумоти умумӣ ва таҷрибаҳои пешқадами хоси йодноккунии намак
• Табодули маълумоти ғанигардонӣ дар сатҳи глобалӣ барои маълумоти ҳозиразамон, ва таҷрибаҳои пешқадами ғанигардонӣ дар ҷаҳон
• Таҳлили муқоисавии ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ (2016)
https://ec.europa.eu/europeaid/food-fortification-global-mapping-study-2016_en
• Изҳороти Аруша дар бораи ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ, Ҳамоиши глобалӣ оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ (2015)
https://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2015/05/Arusha-Statement.pdf
• Замимаи "Нигоҳ ва зиндагӣ" бо маводҳо ва тавсияҳо аз Ҳамоиши глобалӣ оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ (2016)
http://www.gainhealth.org/wp-content/uploads/2016/07/FutureFortifiedSupplement-6-July-2016.pdf
• Дуввум консенсуси Копенҳаген: Таҷрибаи пешқадами ғанигардонии микроэлементҳои ғизоӣ (2008)
http://www.copenhagenconsensus.com/publication/second-copenhagen-consensus-micronutrient-fortification-best-practice-horton-et-al
• Сеюм консенсуси Копенҳаген: Гузориш дар бораи мушкилии гуруснагӣ ва камғизоӣ (2012) http://www.copenhagenconsensus.com/sites/default/files/hungerandmalnutrition.pdf

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАЪСИРИ ҒАНИГАРДОНӢ

• Пашон Х. ва дигарон. Далелҳои самаранокии барномаҳои ғанигардонии орд дар мавриди ҳолати кифоягии оҳан ва камхунӣ: шарҳи систематикӣ. Nutr Rev. 2015 Ноя;73(11):780-95.
https://academic.oup.com/nutritionreviews/article/73/11/780/1923096
• Бленкоу Х ва дигарон. Кислотаи фолиевӣ барои коҳишдиҳии вафти неонаталӣ аз нуқси найчаи асаб. Маҷаллаи байналмилалии эпидемиология. апрели 2010 (suppl_1):i110-i121.
https://academic.oup.com/ije/article/39/suppl_1/i110/702000
• Кастилло-Ланчеллотти С, Тур Дж.А., Уаю П. Таъсири ғанигардонии орд бо кислотаи фолиевӣ ба нуқсҳои найчаи асаб: шарҳи систематики. Public Health Nutr. 2013 Май;16(5):901-11. doi: 10.1017/S1368980012003576. Review. Erratum in: Public Health Nutr. 2013 Aug;16(8):1527.
https://www.cambridge.org/core/journals/public-health-nutrition/article/impact-of-folic-acid-fortification-of-flour-on-neural-tube-defects-a-systematic-review/EE00B553A9BD987BADF495B21E3CCF6C

# Дар бораи USAID

USAID бо мардуми Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ, бехтар намудани саломатӣ ва истеъмоли ғизо, таҳкими таҳсилоти асосӣ ва вусъатдиҳии идоракунии оқилона ҳамкорӣ мекунад. Ташаббуси Ҳукумати ИМА “Озуқаворӣ ба хотири оянда” ба ҳалли мушкилии вобаста ба адами амнияти озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани истеҳсоли кишоварзӣ ва даромаднокӣ, аз ҷумла натиҷаҳои беҳдошти ғизо барои модарон ва кӯдакони онҳо нигаронида шудааст. USAID инчунин дар самти таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва идоракунии маҳаллӣ кор бурда, татбиқи стратегияҳои миллиро дар соҳаи маориф ва тандурустӣ дастгирӣ менамояд ва беморони сил ва ВМНО-ро пешгирӣ ва муолиҷа мекунад. Дар бахши энергетика USAID ба ҳамгироии бештар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мусоидат намуда, дар бунёди бозори минтақавии энергетикии аз ҷиҳати иқтисодӣ рақобатпазир кӯмак мерасонад. Дар натиҷа, дастрасии мардуми Тоҷикистон ба нерӯ васеъ шуда, нархи он устувор мегардад. Аз соли 1992 инҷониб USAID зиёда аз 504 миллион доллари ИМА-ро дар барномаҳое, ки ниҳодҳои демократии Тоҷикистон, тандурустӣ, маориф ва рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунанд, сармоягузорӣ намуд. https://www.usaid.gov/tajikistan

# Дар бораи GAIN

Алянси глобалӣ оид ба беҳдошти ғизо (GAIN) соли 2002 бо мақсади мубориза бо ранҷҳои инсон, ки бо камғизоӣ алоқаманданд, дар СММ оғоз карда шуд. GAIN хазинаи глобалӣ ва мустақар дар Швейтсария ба шарикии давлат бо бахши хусусӣ мусоидат намуда, дастгирии молиявӣ ва техникиро бо мақсади расонидани ғизои хушсифат ба нафарони зери хавфи камғизоӣ қарорёфта, пешниҳод мекунад. Ҳадафи GAIN баланд бардоштани натиҷаҳо тавассути беҳтар намудани истеъмоли хӯроквории серғизо ва бехатар барои тамоми мардум, бахусус қишри аҳолии аз ҳама осебпазир, маҳсуб меёбад. Барномаи мо дар Амрикои Лотинӣ, Африка ва Осиё тавассути маҳсулоти серғизо ба монанди хӯроквории асосии ғанигардонидашуда, аз он ҷумла равған, орд, намак ва соуси соя, реҷаи истеъмоли ғизоро беҳтар мекунад. Мо инчунин беҳтар намудани вазъи саломатии модар ва навзодро тавассути пешбурди таҷрибаи синамаконӣ ва маҳсулоти махсус барои кӯдакони синни аз шаш моҳа боло ва кӯдакони калонтар, дастгирӣ мекунем. Ғайр аз ин, мо бо корхонаҳои маҳаллӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати хӯрокворӣ дар занҷири арзиши иловашудаи кишоварзӣ, ҳамкорӣ мекунем. Бо таъсисдиҳии иттиҳодҳо, ки аз ҷиҳати миқёс таъсири худро мерасонанд мо итминон дорем, ки мушкилии камғизоӣ метавонад дар давоми зиндагии мо бартараф карда шавад. http://www.gainhealth. org